**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.
________________
«02» 05 с. 2024

# ХУЛОСА
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Аспирант Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф (санаи таваллуд 14 декабри соли 1988) соли 2014 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси – 24010200 – ҳуқуқшиносӣ бо дипломи аъло хатм кардааст.

Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2015, №22-5 аспиранти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, аспирантури мазкуро соли 2019 хатм намудаст, ҳоло хизматчии давлатии маъмурӣ дар дастгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсияи аспирант дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст аз 04 июни соли 2015, суратмаҷлиси №10 (14-15).

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 17 январи соли 2022, №06 дода шудаст. Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудааст:

- Таърих ва фалсафаи илм – 06 июни соли 2015 – баҳои 4 (хуб);

- Забони хориҷӣ (англисӣ) – 30 октябри соли 2015 – баҳои 4 (хуб);

- Ихтисос 12.00.03-Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ – 20 декабри соли 2021 – баҳои 5 (аъло).

Роҳбари илмӣ Раҷабзода Маҳмадиёр Носир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Баъди муҳокимаи ниҳои диссертатсияи аспирант чунин хулосаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Истиқлолияти давлатӣ шароит фароҳам овард, ки соҳаҳои ҳуқуқ дар кишвар вобаста бо талаботи иқтисоди бозоргонӣ ва ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллӣ ташаккул ва рушд дода шаванд. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии кишвар ба замони истиқлолияти давлатӣ шабоҳат дода мешавад, гарчӣ танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон таърихи қадима дошта бошад ҳам, баъди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқи кишвар мавқеӣ ҳуқуқии худро пайдо намудааст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар ҷамъият торафт мураккаб гардида, танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, оилавӣ, муҳоҷират, иқтисоди хориҷӣ, сармоягузорӣ ва ғ. дар доираи низоми ҳуқуқии кишвар маҳдуд нагашта, балки дар танзими онҳо меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ нақши

муҳим дорад. Чунин вазъ сабаб ва асоси пайдоиши соҳаи нави ҳуқуқро ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ тақозо дорад, ки он бояд дорои ном, мафҳум, усулҳо, низом, сарчашма, принсип ва мавқеи ҳуқуқӣ дошта бошад.

Аз ҳамин лиҳоз зарурият ба миён омад, ки барои муайян кардани мавқеи ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили илмӣ ва амалӣ гузаронида шавад.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ низ дар шароити муосир дар ҳоли рушд қарор дорад, ки чунин вазъ пайдоиши муносибатҳои нави ҳуқуқро ба вуҷуд овардааст ва дар ин бахш нақши ҳуқуқ бо унсури хориҷӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи асосӣ дорад, зеро муносибатҳои ҷамъиятии гуногунҷабҳаро танзим ва ҳифз менамояд. Вазифаи асосии ҳуқуқ, соҳаҳои ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқ, сарчашмаҳои ҳуқуқ, предмет ва усулҳои соҳаи ҳуқуқ ин ба амал баровардан ё ин ки дар амал татбиқ кардани зуҳуроти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ҳифз менамояд.

Маҳз дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар гардидааст: “Тоҷикистон... муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад ва асоси иқтисодиёти онро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат додааст” (моддаҳои 11-12).

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии ҳар як кишвар мақом ва нақши муассири хешро доро мебошад, ки таҳқиқ ва омӯзиши он бахри таҳкими давлатдорӣ, рушди қонунгузорӣ ва ҳифзу баланд бардоштани нуфузи байналмилалии давлат мусоидат хоҳад намуд.

Ҳамзамон, қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се қисм, аз ҷумла қисми сеюми Кодекси гражданӣ 30 ноябри соли 2004 қабул гардида, аз 1 марти соли 2005 мавриди амал қарор дода шуд, ки ба мақому мазмуни ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дарку фаҳмиши сивилистиро дар самти танзими муносибатҳои

байналмилалии хусусӣ муқаррар намуд. Махсусан муқарророти фасли VII, моддаҳои 1191-1234-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муаррифии мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ нақш муҳим ва ҳалкунандаро дар низоми ҳуқуқи миллӣ ба вуҷуд овард ва бо қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918, гуфта метавонем, ки фаҳмиши сивилистиро дар мазмуни маҳдуд таҳким бахшида, вале муқарраротҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (фасли VIII, моддаҳои 167 то 177 ) ва Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (фасли V, моддаҳои 387-406) ба мазмуни васеъ фаҳмиши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ишора мекунад.

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, вале новобаста аз чунин вазъ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои миллии худ, дар раванди ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, муҳоҷират, тараққиёти илму техника, сиёсати дарҳои кушодро ҳадафи некбинонаи хеш қарор дод, ки дар чунин марҳилаи рушд омӯзиши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносии кишвар мавқи намоёнро пайдо намудаст.

Маҳз бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор дода нашудааст. Мавриди зикр аст, ки танзим ва ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ функсияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро бо васеъ гаштани муносибатҳои байналмилалии хусусӣ бо иштироки шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, давлат ва ташкилотҳои байналмилалӣ проблемаҳои нави ҳуқуқиро ба вуҷуд овардаст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ тасдиқ

мегардад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузориҳо ва дигар услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Ҳамчун мутахассиси ботаҷриба дониши пайдо намудаашро барои баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва амалия истифода менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинонаи пажӯҳишҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷа ва хулосаҳое, ки дар илм эътироф гардиданд, аз қабилӣ: мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои илмӣ ва амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, қонунгузории давлатҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таҳқиқи ҳолати воқеӣ, дурнамо ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбанд.

Дар диссертатсия талаботҳои одоби илмӣ ва риояи қоидаҳои овардани иқтибосҳо риоя карда шудааст. Автореферати диссертатсия ба мазмуни он пурра мутобиқат дорад. Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03. - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба рушди муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ мусоидат хоҳад намуд.

Хулоса, пешниҳодҳо ва дастовардҳои натиҷаи кори илмии муаллиф метавонад минбаъд барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти

дахлдори давлатӣ, такмили низоми ҳуқуқи миллӣ ва рушди соҳа заминаи мусоид мегузорад.

Ҳамзамон, ин дастовардҳо метавонанд, ҳангоми таҳияи қонунгузорӣ, соҳаҳои ҳуқуқ, татбиқи барномаҳои давлатӣ ва эътирофи санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ истифода шаванд.

Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, курси махсуси ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои он чандин маротиба муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд. Чунончӣ:

- Ҳолат ва дурнамои инкишофи илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Тоҷикистон // Суханронӣ дар Конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзуи «Мубрамияти масоили ҳуқуқ дар замони муосир: назари ҷавонон», бо маърӯза дар мавзуи «Мубрамияти масоили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар замони муосир» (ш.Душанбе, соли 2015);

– Рушди ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар 25 - соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маърӯза дар мавзуи «Мафҳум ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, соли 2016);

– Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Суханронӣ дар Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор Шомурат Менглиев (ш.Душанбе, соли 2021);

– «Ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи пиряхҳо дар партави ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» - бо маърӯза дар мавзуи «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, соли 2023);

– «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» - бо маърӯза дар мавзуи «Усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, соли 2023);

– «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон – 23 май ва Бистсолаги омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) бо маърӯза дар мавзуи «Пайдоиши илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, 18-19 майи соли 2023);

– семинари илмӣ-назариявии устодони кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2015-2023, ш.Душанбе).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он аспирант 7 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1. Абдуллозода Ё.М. Ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Матн) / Ё.М. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. - №2/5(207) . – С. 231-235.

2. Абдуллозода Ё.М. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Матн) / Ё.М. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. - №1. – С. 217-221.

3. Абдуллозода Ё. М. Таносуб байни ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ (Матн) / Ё. М. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. - №3. – С. 211-218.

4. Абдуллозода Ё. М. Предмет ва усулҳои танзими ҳуқуқи байналилалии хусусӣ (Матн) / Ё.М.Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. - №6. – С. 221-228.

5. Раҷабзода М. Н., Абдуллозода Ё. М. Пайдоиш ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Матн) / Ё. М. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. - №7. ISSN 199-205.

6. Абдуллозода Ё. М. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Матн) / Ё. М. Абдуллозода // Паёми ДМТ. – 2024. - №7. – С. 248-253.

7. Абдуллозода Ё. М. Хусусиятҳои меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Матн) / Ё. М. Абдуллозода // Қонунгузорӣ. – 2024. - №4 (56) .– С.156-162.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

8. Абдуллозода Ё. М. Маводи III конференсияи илмӣ – амалии олимони ҷавони ДМТ, бахшида ба «рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» – 23 май ва «Бистсолаги омӯзиш ва рӯшди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) [Матан] / Абдуллозода Ё. М. // Маводи конференсияи илмӣ ва амалӣ дар мавзуи: «Пайдоиши илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, 18-19 майи соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 228-241.

9. Абдуллозода Ё. М. Маводи конференсияи байналмилалии илмю амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матан] / Абдуллозода Ё. М. // Маводи конференсияи илмӣ ва амалӣ дар мавзуи: «Усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, ноябри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 409-415.

Ҳамин тавр, аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин қарор қабул гардид:

1. Диссертатсияи аспирант – Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии

Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, аспирант арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд 10 нафар. Тарафдор - 10 нафар, зид ва бетарафнест.

Суратҷаласа аз 30 апрели соли 2024, №09.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Қодиров Н.А.

Котиби ҷаласа, лабарант: Одинаева З.Ҷ.

Имзоҳои Қодиров Н.А. ва Одинаева З.Ҷ. –ро тасдиқ мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-17;
734025; Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj